«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти иқтисодиёт
ва демографияи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, д.и.и., профессор
_____________Ш. Раҳимзода
«04» ____11____ 2022 с

ХУЛОСАИ

ҷаласаи Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир» (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).

Диссертатсия дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир» (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз ҷониби Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович 16-уми июни соли 1982 дар ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон ба дунё омадааст, оиладор соҳиби 4 фарзанд мебошад.

Соли 2003 Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси «андоз ва андозбандӣ» хатм намудааст.

Аз моҳи майи соли 2017 фаъолияти меҳнатии худро дар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси ходими илмӣ оғоз намудааст. Ҳамзамон, аз соли 2017 то соли 2021 аспиранти шуъбаи ғоибонаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон буд.

Мавзӯи диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович бо Фармоиши директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз санаи 5 январи соли 2018 тасдиқ карда шудааст.

Роҳбари илмӣ: Алимов Анвар Латипович – номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) баҳои 4 (хуб), таърихи фалсафа ва илм баҳои 4 (хуб) ва аз рӯи ихтисос 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо баҳои 5 (аъло) супоридааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир» (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон) хулосаи зерин бароварда шуд:

**1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.**

Дар Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 қайд гардидааст, ки «Дар ин самт таҷрибаи пешқадами давлатҳои пешрафта ва рӯ ба инкишоф собит месозад, ки ноҳиябандии иқтисодӣ дар рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва бунёди инфрасохтори замонавӣ нақши муҳим мебозад. Истифода аз шароити ҷуғрофӣ, хусусиятҳои хос, ҷойгиршавии захираҳои табиӣ ва дигар боигариҳои фоиданоки мавҷудбуда, махсусгардонии минтақаҳо ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва тақвияти фаъолияти минтақаҳои махсуси озоди иқтисодӣ метавонанд дар ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда, равандҳои демографию муҳоҷират аз рӯи мавҷудияти захираҳо (табиӣ, иқтисодӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, маъданӣ, гидроэнергетикӣ, дарёҳо, шароити хоси табию иқлимӣ ва дигар омилҳои рушди иқтисодӣ) ва дар ин замина ба рушди устувори минтақаҳо мусоидат намояд». Дар маҷмӯъ, минтақаҳои ҷумҳурӣ дар дурнамои миёнамӯҳлат дар ҳалли вазифаҳои стратегӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, баланд бардоштани шуғл ва даромад, таъмини устувории амнияти иҷтимоӣ, амнияти озуқаворӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар нақши муҳим мебозанд.

Дар иқтисодиёти Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият тағйиротҳои амиқе сурат гирифтаанд, ки бо ивазкунии низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва механизми фаъолияти иқтисодиёти тамоми кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он вобаста буданд. Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ боиси дигаргуншавии тамоми механизми рушди минтақаҳо гардид. Низоми таъминоти молиявии минтақаҳо ва сохтори маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ тағйир ёфта, дар минтақаҳо моликияти хусусӣ бартарӣ пайдо кард, ки ҳолат куллан дигаргун шудани низоми муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои иқтисодиёти минтақаҳо гардид. Даст кашидан аз иқтисодиёти

нақшавӣ дар назди минтақаҳо муаммои рушди самарабахшро дар якҷоягӣ бо ҳалли вазифаҳои асосӣ оид ба таъмини сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба вуҷуд овард. Мустақилияти нисбӣ дар қабули қарорҳо дар сатҳи минтақаҳо нақши мақомоти маъмурии идоракуниро дар истифодаи самараноки пойгоҳи захиравии минтақаҳо ба таври назаррас баланд бардошт.

Дар Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 қайд шудааст, ки «дар панҷ соли минбаъда бояд ба чунин самтҳо бештар таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад:

- ташаккулдиҳии комплексҳои ҳудудӣ-истеҳсолии шимолӣ, ҷанубӣ ва шарқии кишвар дар асоси ҷойгиршавии захираҳои бойи табиӣ (кластерҳои саноатӣ);
- махсусгардонии минтақаҳои кишвар ва ноҳиябандии иқтисодии онҳо;
- тақвият бахшидани фаъолияти сохторҳои мавҷудаи институтсионалӣ (аз ҷумла, фаъолияти Шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва таъсиси Шӯрои машваратӣ оид ба банақшагирии ҳамбастаи афзалиятҳои миллӣ ва минтақавӣ ҷиҳати муайян намудан ва татбиқи сиёсати минтақавӣ);
- таҳия ва қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рушди комплексии минтақаҳои кишвар», ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи марбут ба минтақаҳои кишвар, бахусус, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва санадҳои барномавии рушди минтақаҳои кишвар.

Таҳлили маълумоти оморӣ нобаробарии торафт афзояндаи байни минтақаҳоро дар сатҳи рушд нишон медиҳад. Чунончи, фарқияти байни шаҳри Душанбе, вилоятҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна: аз рӯйи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ – қариб 4 баробар, аз рӯйи индекси рушди инсон – қариб 16 %, аз рӯйи даромадҳои андоз ба буҷетҳои маҳаллӣ – қариб 8 маротибаро ташкил медиҳад. Сарфи назар аз коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар кишвар, дар минтақаҳои кишвар сифати хизматрасониҳо дар соҳаи маориф ва тандурустӣ коҳиш ёфта, сатҳи марги модару кӯдак баланд боқӣ монда, қариб 30 дарсади аҳолӣ аз норасоии музмини озуқаворӣ танқисӣ мекашанд.

Ҳамзамон, зарурати таҳқиқи амиқи муаммои рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазире, ки дар фазои хоҷагидории мамлакати мо вуҷуд доранд, ҳамчун вазифаи таъхирнопазири илмӣ боқӣ мемонад. Дар фазои хоҷагидории кишвар мавҷуд будани низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир ба рақобатпазирӣ ва босуботии ҳаракати тамоми иқтисодиёти

миллӣ таҳдид мекунад. Омӯзиши зуҳуроти низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир табиист, ки масъалаи зарурати таҳияи усулҳо ва воситаҳои идоракунии чунин низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазирро ба миён меорад ва ин мубрамии масъалаи илмии ба миён гузоштташудаþо муайян мекунад.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба Шиносномаи ихтисос ва мӯҳтавои диссертатсия.**

Мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда: 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо): банди 10.2. Моҳият, сохтор ва вижагиҳои фарққунандаи идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити ҷаҳонишавӣ, инкишофи ҳамкориҳо, бизнеси байналмилалӣ ва ташаккули ҷомеаи информатсионӣ ва ғ.; банди 10.5. Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, усулҳо (принсипҳо), шаклҳо ва механизмҳои амалисозии он. Идоракунии тағйирот дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии инфрасохторҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ, сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; банди 10.16. Идоракунӣ дар низомҳои депрессивии (депрессивный) иҷтимоӣ-иқтисодӣ (ҳудудҳо, минтақаҳо, комплексҳо). Омилҳо ва фишангҳои идоракунӣ дар низоми иҷтимоӣ иқтисодии депресивӣ ва боздошти равандҳои таназзули иҷтимоӣ-иқтисодии (ҳудудҳо, минтақаҳо, комплексҳо) Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои паст кардани сатҳи депрессия дар низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

**3. Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Ҳангоми иҷрои кори илмӣ – таҳқиқотӣ маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳо, шаҳр ва ноҳияҳо, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушоҳидаҳои муаллиф, адабиётҳои махсуси илмӣ, меъёрӣ ва таҳлилӣ ба ҳалли масъалаҳои коркардшуда, инчунин, маводи нашрияҳои даврӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи Интернетӣ истифода карда шудаанд.

Пойгоҳи иттилоотию таҷрибавии таҳқиқотро маълумотҳои воқеие ташкил доданд, ки дар сарчашмаҳои зерин дарҷ гардидаанд: Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо) (солҳои 2016-2020 ва солҳои 2021-2025) Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030, Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.

**4. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба мӯҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияиолии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.**

[1-М] Алимов А.Л., Сафаров А.М «Таҳлили таъсири пандемияи Ковид-19 ба иқтисодиёт ва эҳтиёҷоти меҳнати кишвар» [Матн] Алимов А.Л., Сафаров А.М. Маҷаллаи «Иқтисодиёти Тоҷикистон». Душанбе, 2020 -№ 3 – 2020 - Саҳ. 58-64.

[2-М] Алимов А.Л., Сафаров А.М. «Принсипҳои ташкил ва амалияи фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] Алимов А.Л., Сафаров А.М. Маҷаллаи «Иқтисодиёти Тоҷикистон». Душанбе, 2020. № 1. 2020 Саҳ. 171-177.

[3-М] Сафаров А.М. «Омилҳои ташкилию иқтисодии рушди минтақаи ҷануби сарҳадии Тоҷикистон» [Матн] Сафаров А.М. Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон». Душанбе, 2021. №3. 2021 Саҳ. 238-242.

[4-М] Сафаров А.М. «Масъалаҳои таҳияи барномаҳои минтақаҳои кишвар ва таҷрибаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». [Матн] Сафаров А.М. Маҷаллаи «Иқтисодиёти Тоҷикистон». Душанбе, 2021 № 4 - 2021. Саҳ. 199-203.

[5-М] Бобоҷонов Р.М., Аминҷонов Р.М., Алимов А.Л., Сафаров А.М. «Свободные экономические зоны как инновационная форма решения региональных проблем социально-экономического развития» (аз

рӯи натиҷаҳои тадқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ) (Монография) 2021, 135 саҳ.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмӯаи маводи конфронс:**

[6-М] Алимов А.Л., Сафаров А.М. «Оид ба ташкил ва таҷрибаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [Матн] Алимов А.Л., Сафаров А.М. «Маводи конференсияи илмию амалии 30-соли Истиқлолият ва рушд» ДДСТДТ. Душанбе, 2021. Саҳ.,23-30.

[7-М] Сафаров А.М. «Натиҷаҳои тадқиқоти омилҳои иҷтимоию иқтисодии тараққиёти минтақаҳои ҷанубӣ сарҳади Тоҷикистон» [Матн] Сафаров А.М. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуй «Дастовардҳои соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар давраи Истиқлолияти давлатӣ» Душанбе, 2021. 24-сентябри соли-2021 Саҳ., 336-343.

[8-М] Сафаров А.М. «Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун ниҳоди рушди инноватсионии минтақаҳо» [Матн] Сафаров А.М. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуӣ «Трансформатсияи индустриалии минтақаҳои деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикитон». Душанбе, 27 майи соли 2022.

**5. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.**

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир» (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар ҷараёни илмии шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

**6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Ҳамаи давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ сурат гирифтааст. Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидаи диссертатсионӣ дар муайян намудани ҳадафҳо, мавзӯъ ва объекти таҳқиқот, асоснок намудани номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳаллу фасли онҳо, дар бурда расонидани муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқот то ба марҳилае, ки истифодабарии онҳо ҷиҳати мукаммалгардонии муқаррароти ташкилӣ-иқтисодии механизмҳои рушди минтақаҳои наздисарҳадии ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад.

**Қарори ҷаласаи Шӯрои олимон**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир» (дар

мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисооси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04-Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо), тақризи роҳбари илмӣ – номзади илмҳои иқтисоди Алимов А.Л., баромадҳои муқарризони холис – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷабборов А.Д. ва номзади илмҳои иқтисодӣ, Муминова Ф.М. Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба Шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир» (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо тибқи талаботҳои Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267) ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Ба Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович мактуби ҳамроҳ, нусхаи протокол ва хулосаи Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар бораи пешниҳоди диссертатсия ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии Тоҷикистон дода мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла: 1 нафар академик, 8 нафар доктори илмҳои иқтисодӣ ва 5 нафар номзади илмҳои иқтисодӣ.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ чунин аст:

| | |
|---|---|
| Тарафдор | - 14 нафар |
| зид | - нест |
| бетараф | - нест |

Хулоса дар Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 01 ноябри соли 2022, протоколи №10 қабул шудааст.

Раиси маҷлис:

Директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.и, профессор — Ш. Раҳимзода

Котиби маҷлис:

Котиби илмии Шӯрои олимон, н.и.и., — Ҷалилзода Д.Р.

Муқарризи холис
д.и.и., профессор — Ҷабборов А.Д.

Муқарризи холис
н.и.и., — Муминова Ф.М.

Имзои д.и.и., профессор Ҷабборов А.Д. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Бобозода О.О.

Имзои н.и.и. Муминова Ф.М. – ро тасдиқ менамоям:

Инспектори калон оид ба кадрҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ — Қурбонов Э.Т.

Суроға:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе 734024, кӯчаи С. Айнӣ 44, Почтаи эл.: info@ied.tj
Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65